**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – докторарзӯйииихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович нахустин таҳқиқоти муфассал оид ба таҳлили воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, дар он ҳамаи паҳлӯҳои мавзуии таҳқиқот дар заминаи маводи фаровони забонӣ аз ҷониби диссертант мавриди таҳлилу баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Таркиби луғавии забонро дар қатори вожаву истилоҳот боз воҳидҳои фразеологӣ, ки тавассути онҳо фикру андеша мушаххасу муҷаз баён мегардад, пурра менамояд. Зебоиву назокати забон, пеш аз ҳама, дар осори манзуму мансур ва таълифоти бадеиву публитсистӣ ба чашм мерасад. Аз ин лиҳоз пажуҳиши муқоисавӣ ё худ муқобилавии муаммоҳои мухталифи ду забони гуногунсохтору гуногуннизом, яъне тоҷикиву англисӣ, бар мабнои маводи адабиёти бадей ҷанбаҳои номакшуфи то ба ин замон таҳқиқнагардидаи онро метавонад ошкор намояд. Гузашта аз ин, таҳқиқу омӯзиши вижагиҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.

Чи тавре ки зикраш рафт, воҳидҳои фразеологӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби луғавии забон ба шумор рафта, дар ҳамаи услубҳои забон истеъмол мегардад. Он унсурест, ки забони асарро зебову рангин ва дили хонандаро ба зудӣ ба худ ҷазб мекунад ва ба тасвири манзараи ҳаёти воқеии инсон ҳусну таровати гуворо зам менамояд, зеро сарчашмаи баромади воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, забони зиндаи халқ ба шумор меравад. Агар таҳқиқи вижагиҳои сохториву маъноии воҳидҳои гуногуни фразеологии ҳар ду забон ҳам пас аз солҳои

панҷоҳуми садаи XX маншаъ гирифта бошад, пас, таҳлилу баррасии мавзуи фавқ аз нигоҳи муқоиса ниёз ба таҳқиқи густурда дорад.

Мақсади асосии таҳқиқи мазкур муайян намудани мавқеи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб меравад.

Барои ба мақсади асосии таҳқиқот расидан ба иҷрои вазифаҳои зерин кӯшидем:

– муайян намудани дараҷаи омӯзиши сохтори воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– омӯзишу таҳлили шаклу қолабҳои грамматикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" дар забонҳои муқоисашаванда ва муайян намудани воситаҳои алоқаи онҳо;

– таҳқиқи хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат";

– таҳқиқи муродифшавии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Навдгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми "ҳаракат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи осори мансур ва фарҳангҳои фразеологӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Дар рисола инчунин воситаҳои грамматикии алоқаи байни таркибҳои воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат муайян гардидаанд, ки то ҳоли ҳозир хусусиятҳои типологиву муқоисавии ин навъи воҳидҳои фразеологии забонҳои зикршуда аз диду назари муҳаққиқон дур мондаанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақола, ки дар маҷаллаҳоиилмиитақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ, ки 11-тоанд, мазмуну муҳтавои диссертатсиярофарогирифта, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и«Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онробарои дарёфти дараҷаиилмиидокторифалсафа (PhD) –доктор аз рӯйиихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣвамуқоисавӣ)пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20– Забоншиносӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризонирасмӣ тавсия медиҳад:

- **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Сабирова Сановбар Ганиевна** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи С. Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Турсунов Ф.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ. А.

«16» 04 соли 2024